Бозиҳои «Помир»
дар чемпионати 53-юми ИҶШС

ДАВРАИ ЯКУМ

5 март.	«Помир» — «Динамо» (К).	— 1:1
9 март.	«Помир» — «Шахтёр»	
17 март.	«Металлист» — «Помир».	
24 март.	«Спартак» — «Помир».	
1 апрел.	«Помир» — «Жалгирис».	
5 апрел.	«Помир» — «Динамо» (Мн).	
10 апрел.	«Ротор» — «Помир»	
13 апрел.	«Торпедо» — «Помир»	
21 апрел.	«Арарат» — «Помир»	
6 май.	«Помир» — ЦСКА	
10 май.	«Помир» — «Черноморетс»	
15 май.	«Днепр» — «Помир»	
11 июл.	«Помир» — «Динамо» (М)	

ДАВРАИ ДУЮМ

26 июл.	«Помир» — «Ротор»	
30 июл.	«Помир» — «Торпедо»	
9 август.	«Жалгирис» — «Помир»	
13 август.	«Динамо» (Мн.) — «Помир»	
21 август.	ЦСКА — «Помир»	
2 сентябр.	«Помир» — «Арарат»	
8 сентябр.	«Черноморетс» — «Помир»	
14 сентябр.	«Помир» — «Днепр»	
23 сентябр.	«Динамо» (М) — «Помир»	
14 октябр.	«Шахтёр» — «Помир»	
19 октябр.	«Динамо» (К) — «Помир»	
29 октябр.	«Помир» — «Спартак»	
3 ноябр.	«Помир» — «Металлист»	

12 МИЛЛИОН БАРОИ ВАН БАСТЕН

Ҳамлагари машҳури командаи яккачини Ҳолланд Марко ван Бастен қарор дод, ки қарордоди худро бо командаи «Милан»-и Италия се соли дигар дароз кунад. Қарордоди нави ӯ 12 миллион арзиш дорад.

—●—

Таҳияи Нарзулло ЛАТИФ ва Имоми ХОЛНАЗАР.

Матбаан Нашриёти КМ ҲК Тоҷикистон Супориши 1498

КЛ 00180 Нархаш 30 тин.

БУНЁДИ
ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
ШИРКАТИ
«БОХТАР»

ФУТБОЛ

53

„Помир"

9 марти соли 1990

«Помир» — «Шахтёр»

Бозӣ соати 17 оғоз меёбад

БУРДУ БОХТИ «ШАХТЁР»

Футболбозони Донетск солҳои 1975 ва 1979 медалҳои нуқра, сол и 1951 медалҳои бириҳчии чемпионати мамлакатро соҳиб шуда, солҳои 1961, 1962, 1980 ва 1983 кубоки ИҶШС-ро ба даст оварданд. «Шахтёр» солҳои 1963, 1978, 1985 ва 1986 то финали мусобиқа барои кубоки Иттиҳоди Шӯравӣ расидааст.

Вале мавсими гузашта барои команда ниҳоят душвор буд. Футболбозони Донетск аввали моҳи августи соли 1989 ба сартренерашон Анатолий Конков (воқеан, ҳоло ӯ сартренери «Зенит»-и Ленинград аст) арзи нобоварӣ карданд. Онон изҳор намуданд, ки маҳз аз сабаби хатоҳои ӯ команда ду соли охир бо машаққати зиёд дар лиган олӣ мемонад. Дар чанд бозӣ ба команда Шӯрои тренерон сарварӣ кард. Баъд садорати клуби «Шахтёр», собиқ бозингари машҳур ва капитани команда, устоди варзиш Валерий Яремченкоро сартренер таъин кард. Футболбозони «Шахтёр» дар чемпионати порсола ҷои чордаҳумро гирифта, мавқеашонро дар лиган олӣ нигоҳ доштанд. Бино ба гуфти В. Яремченко «Шахтёр» ба мавсими имсола хуб тайёрӣ дидааст.

Ба команда бозингарони нав даъват шуданд. Инҳо нимҳимоятгарон В. Околко (аз «Динамо»-и Киев баргашт), А. Кончелскис (ӯ ҳам аз «Динамо»-и Киев), О. Розин (Брянск), И. Столовитский (Черкасси), В. Коновалчук (Дружковка), ҳамлагарон С. Сиганков (Украина), С. Логинов (Брянск), А. Зейберлинш мебошанд.

Командаро дарвозабон М. Михайлов ва нимҳимоятгар О. Смолянинов тарк карданд.

Бозии аввалини «Шахтёр» бо «Помир» дар лиган олӣ 15 июни соли 1989 доир шуд. Футболбозони украин, ки пеш аз ин бозӣ дар ёздаҳ давр ғалаба ба даст наоварда, шаш бозиро паиҳам бохта буданд, ин дафъа тамоми қувваю ғайраташонро барои ғалаба сафарбар карданд. Таҳдири бозӣ дар чор дақиқаи охир ҳал шуд. Зарбаи ногаҳонии ҳимоятгари «Шахтёр» В. Евсеев дарвозабони «Помир» А. Мананниковро дар ҳафтаи дарёфт Дар дақиқаи охирини бозӣ нимҳимоятгари «Шахтёр» Й. Петров ҳисобро ба 2:0 расонд.

Бозии дуюми ин командаҳо 4 августи соли гузашта дар варзишгоҳи марказии ба номи М. В. Фрунзеи шаҳри Душанбе баргузор шуд. Тӯби аз ҷаримаи ёздаҳметра задаи А. Азимов дар дақиқаи 70-ум бозиро ба фонди «Помир» бо ҳисоби 1:0 ҳал кард.

Дар даври аввали чемпионати имсола кори футболбозони «Шахтёр» омад накард. Онҳо бозиро 4 март дар шаҳри Маскав ба командаи ЦСКА бо ҳисоби калон — 0:4 бохтанд.

НАТИҶАИ БОЗИҲОИ ДАВРИ ЯКУМ

1 март

«Днепр» — «Ротор» — 3:1

4 март

ЦСКА — «Шахтёр» — 4:0

5 март

«Помир» — «Динамо» (К) — 1:1
«Арарат» — «Спартак» — 1:3
«Динамо» (М) — «Торпедо» (М) — 1:2
«Черноморетс» — «Динамо» (Мн) — 3:1

БОЗИҲОИ ДАВРИ ДУЮМ

9 март

ЦСКА — «Динамо» (К)
«Помир» — «Шахтёр»
«Арарат» — «Металлист»
«Динамо» (М) — «Ротор»
«Черноморетс» — «Жалгирис»

12 март

«Днепр» — «Торпедо»

Бозии нахустини чемпионати имсолаи мамлакат дар варзишгоҳи марказии ҷумҳурияти мо байни командаҳои «Помир» ва «Динамо» (Киев)) шавқовару пуршиддат гузашта, мусовӣ — 1:1 шуд.

Суратгир А. РАҶАБОВ.

БА ТАВАҶҶӮҲИ ҲАВОДОРОНИ ФУТБОЛ

Барои сари вақт гирифтани сайрномаҳои футбол чандин идораву ташкилоту хоҷагиҳо бо муассисони он — Бунёди забони тоҷикӣ ва ширкати «Бохтар» шартнома бастанд. Хоҳишмандони дигар низ дар сурати бастани чунин шартнома, ҳам худ сари вақт соҳиби сайрномаву китобчаи футбол мешаванд, ҳам дар ғановатy равнақи забони тоҷикӣ саҳм мегиранд, зеро фонда аз фурӯши сайрномаву китобчаи футбол қисман ба Бунёди забони тоҷикӣ ирсол мешавад.

ҲАЙАТИ КОМАНДАҲО

«ПОМИР»

Дарвозабонҳо:

А. Мананников (1965)
А. Чабборов (1963)
К. Колдошов (1967)

Ҳимоятгарон:

Ҳ. Фузайлов (1964)
А. Воловоденко (1963)
И. Витютнев (1964)
Р. Раҳимов (1963)
О. Рафиқов (1962)
А. Абдураззоқов (1969)
Ш. Мамадҷонов (1970)

Нимҳимоятгарон:

Ю. Батуренко (1964)
В. Постнов (1962)
Р. Бозоров (1968)
С. Мандреко (1971)
А. Зангиев (1970)
Г. Тахохов (1970)
А. Асадуллоев (1970)

Ҳамлагарон:

В. Манасян (1958)
М. Муҳаммадиев (1966)
Ч. Муҳадов (1969)
Р. Муҳадов (1961)
Р. Забиров (1966)
О. Назаров (1970)
А. Аваков (1971)
Д. Тағоев (1966)

Сартренер — т. ш. Тоҷикистон **Ш. Назаров.**

Сардор —т. ш. Тоҷикистон **З. Урунов.**

Тренерон — т. ш. Тоҷикистон, у. в. **В. Турсунов,** т. ш. Тоҷикистон, у. в. **О. Хабӣ,** т. ш. Тоҷикистон, у. в. **А. Юлдошев.**

Тренери мушовир — т. ш. ҶШФСР, Украина, Узбекистон, Гурҷистон, у. в. **В. Соловёв.**

«ШАХТЁР»

Дарвозабонҳо:

В. Елинскас (1957)
С. Шиповский (1965)
Д. Шутков (1972)

Ҳимоятгарон:

А. Барабаш (1971)
В. Гошкодеря (1959)
Ю. Гуляев (1963)
Е. Драгунов (1964)
В. Евсеев (1962)
С. Жигулин (1971)
В. Мазур (1970)
А. Сопко (1958)
С. Ященко (1959)

Нимҳимоятгарон:

В. Красников (1971)
И. Леонов (1967)
С. Мазур (1970)
В. Онопко (1969)
И. Петров (1964)
А. Раденко (1959)
И. Столовитский (1969)
С. Шербаков (1971)
В. Юрченко (1962)

Ҳамлагарон:

С. Ателкин (1972)
В. Грачев (1956)
А. Зейберлинш (1965)
Ю. Кармелюк (1971)
А. Кобозев (1967)
В. Коновалчук (1965)
А. Купсов (1971)
Э. Столяров (1965)
С. Сиганков (1966)

Сартренер — у. в. **В. Яремченко.**

Сардор — **А. Карпинев.**

Тренерон — у. в. **Н. Гарбузинков,** у. в. **А. Дрозденко,** **т. ш. Украина М. Калинин.**

—◆—

Сардовар — довари дарачаи байналхалқӣ **И. Тимошенко** (Ростови соҳили дон)

Еваронаш — довари дарачаи умуминиттифоқӣ **Е. Александров** (Ярославл), довари дарачаи ҷумҳурӣ **Маркин** (Ростови соҳили Дон).

САТРҲОИ МАРОҚАНГЕЗ

ЯК БОЗӢ — 650 ҲАЗОР ФРАНК

Раиси умури молиян ФИФА Жак Жорж аз ҳусуси баъзе маблағҳое маълумот дод, ки ба иштирокдорони бозиҳои финалии чемпионати ҷаҳон дода мешавад. Ба гуфти ӯ, аллакай, ҳангоми қуръапартой дар Рим намояндагони ҳамаи 24 иштироккунандагони финал ба маблағи 250 000 франки швейтсарӣ чек гирифтанд. Барои ҳар бозӣ командаҳо камаш 650 000 франк мегиранд. Командаҳое, ки пас аз бозиҳои гурӯҳӣ чемпионатро тарк мекунанд, зиёда аз ду миллион франк ҳоҳанд гирифт. Командаҳои ба нимфинал баромада чоруним миллион франкӣ ба даст ҳоҳанд овард. Барои муқоиса ҳаминро бояд гуфт ки барои иштирок дар як бозии чемпионати Мексика ҳар команда 481 500 франк мегирифт.

ШИНОС ШАВЕД: «ЭТРУСКО»

Ҳангоми қуръапартоии чемпионати ҷаҳон ширкати машҳури «Адидас» ба таври расмӣ ба ҳозирон тӯбҳоеро пешниҳод кард, ки дар мусобиқа истифода мешаванд.

Ба тӯб «Этруско» ном дода шуд. Этрускҳо сокинони қадимаи нимҷазираи Апеннин буданд

ЧЕМПИОНАТИ АСРИ... XX1

Чемпионати оянда ҷаҳон соли 1994 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко доир мешавад, барои ташкили чемпионати соли 1998 чанд мамолики Аврупо довталаб аст. Оё барои доир намудани чемпионати соли 2002 ҳам талабнома ҳаст? Бале! Аллакай, федератсияи футболи Япония ба ФИФА чунин дархост фиристодааст.

ФОИДА АЗ БИЛЕТ

Барои чоп ва паҳнкунии билети футбол қариб 46 миллион доллар сарф намуда, ятолиёвиҳо аз фурӯши он 75 миллион доллар ба даст оварданианд. Фурӯши билет хуб сурат мегирад. Аллакай, чандин моҳ пеш ба бозии наҳустини чемпионат (Аргентина — Камерун) дар варзишгоҳи «Сан-Сиро»-и Милан тамоми билетҳо фурӯхта шуда буданд. Қимати билет се хел аст: 1 — зиёда аз 120 доллар; 2 — қариб 80 доллар ва 3 — қариб 50 доллар.

БА БОЗИНГАРИ БЕҲТАРИН

Ба бозингари беҳтарини мусобиқа мукофоти рамзӣ супурда мешавад. Он бисёр тӯби аҷоиб буда, қутраш 13 см., баландиаш 50 см., вазнаш 12 кило аст. Тӯб аз платина сохта шудааст. Сохибони ин мукофоти гаронбаҳоро зиёда аз ҳазор журналисти 90 кишвари олам муайян мекунад.

ОЁ ПЕНАЛТИ НОМ ШАХС ВУҶУД ДОШТ?

Борҳо чоп шудааст, ки ба қоидаи футбол ҷариман ёздаҳметраро Пеналти ном сокини Ирландия ворид кардааст ва аз ҳамин сабаб пеналти ном гирифтааст ин. Таҳқиқ исбот кард, ки ин гап асос надорад. Дар китоби ба шарафи 100-солагии ФИФА нашршуда, ба шарҳи ҷариман 11-метра бобаи махсус бахшидаанд ва дар он аз хусуси Пеналти ягон гап нест. Дар китоб қарори ҷамъомади шӯрои байналхалқии футбол аз 2 июни соли 1891 иқтибос шудааст, ки дар он зарбаи 11-метра қонунӣ шуд (воқеан ҳам мувофиқи пешниҳоди марди ирландӣ, вале Пеналти не, балки Рейда). Дар қарор он «пеналти-кик» номида шудааст — яъне, зарбаи ҷаримавӣ.

МУХЛИС МЕШАВАМ...

Мазза не-ку, чӯра, — қаламро дар байни ангуштонаш бозй доронда гуфт профессор, — суст, бисёр суст...

Баданамро ларза гирифт, «Наход ду монад? Не-е, имкон додан даркор не».

— Ё шумо вақти китобхонй надоред?

— Вақт буду...

— Ё ягон нохушй рӯй дод?

— Нохушй нею...

— Ё саломатиатон ҳуб нест? Ягон дард доред магар?

— «Фурсат расид, ба ҳучум гузаштан даркор!» — аз дил гузарондам ман.

— Ҳе-е, напурсед, муаллимҷон. Душмани кас набинад ин дарда.

— Чй дард будааст он?

— Мухлисй, муаллимҷон, мухлисй.

— Хм...

— Аз мағлуб шудани командааш дида барои мухлис фалокати зӯртар ҳаст магар? Ду рӯз боз ҳеҷ не ки ба ҳуд оям. О, наход омада-омада ба ҳамин «Шахтёр» бой диҳй-а? Боз дар майдони ҳуд!

— Ҳа-а, «Помир»-и мо ҳамин хел. Командаҳои зӯр-зӯра мебараду... Дина довар ҳам ноҳақй кард.

— Ақаллан як ёздаҳметра надод-е...

— Ҳа-а, ин «Помир», ин «Помир»... Кораш — ваъда. Баъди ин хел бозиҳо як ҳафта дилата дошта нагарду қандата хӯр.

— Дина ҳамин Манасян ҳам расво бозй кард...

— Э, вай кучову футбол, кучо?! Садқаи ҳамун қаду баст шавад! Боз баъзеҳо ҳамуна тарафгирй мекунанд-е...

«Хучума суст кардан даркор нест. Дар акси ҳол стипендияро дар хоби шаб ҳам намебинам», — боз аз дил гузарондам ман.

«Спартака» бурию ба ҳамин «Шахтёр» бой диҳй-а?...

— Айби Мананников ҳам шуд-ку. О, йомаъқул карда ин қадар пеш мебарой?!

— Ҳа-а... Мананников ҳам... Китоб хондан он сӯ истад, муаллимҷон, се рӯз боз аз ҳалқам об намегузарад. Ба ростй, алам мекунад ба кас.

— Ҳа-а. Бозия команда бой медиҳаду мухлиси бечора дар азоб. Кош ягон сол дурусттар бозй мекарду... Наход «Помир»-ро ақаллан дар бозиҳои УЕФА надида мурем-а?

— Ин хел нагӯед, муаллимҷон. Шумо ҳоло бақувват... Не-е, набояд орзуи мо — мухлисон дар диламон монад.

— Ман-ку ба ин хел зарбаҳо одат кардагй, лекин шумо ҳоло ҷавон, ҳудро эҳтиёт кунед.

— Раҳмат, муаллимҷон, раҳмат.

Мо мухлисон ҳам чандон моҳи беайб не. Мухлисй карда наметавонем. Дар дигар шаҳрҳо аз доду фарёди ҳаводорон гумон мекунй, ки стадион метаркад.

Вақташ омад, гол задан даркор. Дар акси ҳол мошини «ёрии таъҷилй»-ро ҷег задан лозим мешавад. Ғазаби профессори бечора аланга гирифт.

— Мухлиси бечора ҳам дар байни обу оташ мондагй, муаллимҷон. О, табъаш хуш бошад, ки овозаш бароят-да? Якеро дар ҷои кор асабй мекунанд, дигареро дар хона... Баъзе бечораҳо ман барин аз имтиҳон ду гирифта... Ҳеҷ, кй парвои мухлиси бечора дорад?!

— Не, чӯра. Ин фикрат хато. Ту ҳамаро як хел гумон накун. Ту чор-панҷ сол боз мухлис бошй, мухлисони моро- бист-биступанҷ сол шуд. Ба қадри мухлис мерасем мо. Ваҳй, дафтари санҷишата ин тараф гир. Гумон мекунй, ки ман ба таъдири «Помир» бетарафам?!

Ҳанӯз дарро аз пасам дуруст напӯшида, Файзулло чанг зада дафтарчаи санҷишро аз дастам гирифт.

— Аъло-ку?

Ман «ташаккур, чӯрачон, мо нимта қарздор» гӯён ӯро ба оғӯш кашидам.

— Маслиҳатам кор дод, охир?

— О, набошад чй, ман кучою аз фалсафа панҷгирй, кучо? Расо мухлиси зӯр будаст.

— Ана, дидй. Боз мегуфтй, ки дар зиндагй аз футболи ту чй фонда... Дар бораи Манасян гап кушодй?

— Ҳа-а, чунон ба ғазаб омад, ки...

— О, ман гуфтам-ку? Дирӯз барои Манасян дар стадион ҳарду қариб дастбагиребон шавем.

— Исто, ки Мананниковаш кй, чӯрачон?

— Наход надонй? Дарвозабони «Помир».

— О, дина ту дар бораи ӯ ҳеҷ чиз нагуфтй-ку?

— Гумон доштам, ки ақаллан номи дарвозабонашро худат медонй.

— Ман? Аз кучо-о?... Исто, ки аҳволи худат чй тавр? Барои кор нарафтан шефатон ҷанг накард?

— Аз алам худаш ҳам дина кор набаромада будааст. Ин пагоҳй дар кабинеташ ду соат бозии «Помир»-ро таҳлил карда шиштем.

— Мухлис мешавам. Ҳоло имтиҳони бисёре дар пеш аст. Акнун мухлиси кадом команда будани муаллими таъриҳро фаҳмидан даркор...

Имом НАЗАР.

Раҳмат НАЗРӢ

СУРУДИ ҲАВОДОРОНИ «ПОМИР»

Майдони сабзи футбол,
Ғарм аст набзи футбол.
Ҳуштак кашид довар,
Бозй кун, эй диловар.

«Помир» тӯб зан, тӯб,
Бо сар бизан, ба по кӯб!

Тӯб ояд аз ҳаво дар,
Қонл шавад ҳаводор,
Аз ҳар тараф нишон гир,
Сӯи ҳадаф нишон гир.

«Помир» тӯб зан, тӯб,
Бо сар бизан, ба по кӯб!

Бингар ҳарифи ҳудро,
Бигзар ҳарифи ҳудро.

Дар хеш то нагунҷй,
Зан сахт тӯби кунҷй.

«Помир» тӯб зан, тӯб,
Бо сар бизан, ба по кӯб!

Чолок пеш дав, пеш,
Бебок пеш рав, пеш.
Бошад туро зафар ёр,
Дар хона, дар сафар ёр.

«Помир» тӯб зан, тӯб,
Бо сар бизан, ба по кӯб!

Голи туро шуморем,
Холи туро шуморем.
Бурди туем толиб,
Бошй ҳамеша голиб!

«Помир» тӯб зан, тӯб,
Бо сар бизан, ба по кӯб!